## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» вобаста ба қабули диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи муосир, ки бо ҷараёнҳои илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбад, тарбияи шахсиятҳои фаъол, мустақиландеш ва дорои малакаи таҳлиливу эҷодӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми маориф ба ҳисоб меравад. Яке аз самтҳои калидии ин раванд ташаккули тафаккури интиқодӣ дар хонандаґон мебошад, ки имконият медиҳад воқеиятро на танҳо қабул, балки таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ намоянд.

Дар синфҳои ибтидоӣ, ки марҳалаи ташаккули асосҳои шахсият ва ҷаҳонбинии кӯдак ба шумор меравад, фароҳам овардани шароити педагогӣ барои рушди тафаккури интиқодӣ аҳаммияти хоса дорад. Зеро маҳз дар ҳамин синну сол заминаҳои аввалини малакаи фикррронӣ, саволгузорӣ, ҷустуҷӯйи ҷавобҳои мустақил ва қобилияти муқоисаву таҳлилӣ гузошта мешаванд.

Таҳқиқи ин масъала аз як ҷониб ба эҳтиёҷоти ҷомеа барои кадрҳои соҳибистеъдоду мустақил ва аз ҷониби дигар ба зарурати такмил додани усулҳои таълимӣ, ки ба талаботи асри иттилоот ҷавобгӯ бошанд, иртиботи ногусастанӣ дорад. Омӯзгор дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо донанда ва интиқолдиҳандаи дониш, балки ташкилкунанда ва роҳнамоии фаъолияти фикрии хонандагон мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки муайян намудани шароити самараноки педагогӣ дар рушди тафаккури интиқодӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, омӯзиши амиқи масъалаи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз дидгоҳи амалӣ низ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Кори диссертатсионии Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим” маҳз ба таҳқиқи ҳамин масъала ва ҳалли муаммову ихтилофоти ҷойдошта бахшида шудааст.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А. (раис); доктори илмҳои

психологӣ, дотсент Бобоева С. ва доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Ҷамила Давлатзода баъди таҳлил ва натиҷабардории кори таҳқиқии унвонҷӯ - Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна ба хулосаи зерин омаданд:

**Муҳиммияти мавзуъ:** Дар шароити муосир, ки раванди ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар бо ҳалли масъалаҳои печидаи рушд ва идоракунӣ тавъам аст, нақш ва масъулияти муассисаҳои таълимӣ дар ташаккули насли наврас беш аз пеш афзоиш меёбад. Самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши маориф ва тарбияи насли наврас дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар “Стратегияи миллии рушди кишвар то 2030” ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии дахлдор инъикос ёфтаанд. Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ, соҳаи маориф яке аз самтҳои калидии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад, ки иҷрои он уҳдадории Ҳукумат маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, ҷудо намудани захираҳои зарурӣ ва роҳандозии сиёсати мақсаднок ҷиҳати дастгирӣ ва такмили низоми таҳсилот аз ҷумлаи афзалиятҳои давлатӣ дониста мешавад.

Таҳсилот ҳамчун ҷузъи муҳими низоми таъминоти иҷтимоӣ на танҳо ба некӯаҳволии шахсият, балки ба рушди устувори ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Он дар асоси дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки ба рушди маориф равона шудаанд, мутобиқи қонунгузории кишвар амалӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои муҳим дар такмили сифати таълим истифодаи **технологияи рушди тафаккури интиқодӣ** мебошад. Ин раванд шароит фароҳам меорад, ки фаъолияти дарсӣ мазмунӣ, ҷолиб ва самарабахш гардад. Хонандагон танҳо аз роҳи қабул кардани хулосаҳои тайёр маҳдуд намешаванд, балки ба таври мустақил кор кардан бо манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ меомӯзанд, ки ин амр ба густариши малакаи таҳлиливу эҷодии онҳо мусоидат менамояд. Ин усул диққати хонандагонро ба ҳалли масъалаҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни он равона сохта, онҳоро ба тафаккури мустақил, таҳлилӣ ва муназзам водор месозад.

Дар ҳамин замина, технологияи мазкур ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ буда, сатҳи тафаккури интиқодиро боло бурда, салоҳиятҳои асосӣ — аз қабили малакаи коммуникатсия, ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилоотро ташаккул медиҳад. Он имконият фароҳам меорад, ки хонандагон воқеиятро аз дидгоҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, андешаронии мукаммал ва ҳаматарафаро инкишоф диҳанд.

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳоднамудаи Ҷӯраева Мунзифа низ маҳз ба ҳамин мақсад равона гардида, натиҷаҳои он бо такя ба фаъолияти мустақилонаи илмӣ-тадқиқотии унвонҷӯ ва пешниҳоди навгониҳои методию амалии хос иҷро ва асоснок шудааст.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисос:** Диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) – пурра мувофиқ буда, фаъолияти он дар доираи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба роҳ

монда шудааст. Ин санадҳо чаҳорчӯбаи назариявӣ, мақсад ва самтҳои таҳқиқот, инчунин талаботи методологӣ ва усулиро муайян намуда, асоси илмии кори диссертатсионӣ мебошанд.

Мухтасаран, банд 1 самт ва ҳадафҳои таҳқиқотро муайян менамояд, ки ин ба тавсифи аҳамият ва вазифаҳои илмии кори диссертатсионӣ дар рушди педагогикаи умумӣ ва таърихи педагогика равона шудааст. Банд 6 талаботи методологӣ ва усулиро муқаррар мекунад, яъне кори илмӣ бояд бар асоси методҳои муосири таҳқиқоти педагогӣ ва таҷрибаи амалии низоми таълим таҳия гардад, то натиҷаҳо боваринок ва дахлдор бошанд. Банд 7 эътибори натиҷаҳо ва навовариро муайян мекунад, яъне диссертатсия бояд натиҷаҳои назариявӣ ва амалии нав пешниҳод намуда, ба рушди илми педагогика ва такмили таҷрибаи таълимӣ таъсири мусбат расонад.

Ҳамзамон, диссертатсия ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмӣ», ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва амалигардонӣ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад. Омезиши талаботи назариявӣ, методологӣ ва навоварӣ кори таҳқиқотиро ҳамчун дастовард ва натиҷаи қобили истифодаи илмӣ таъмин намуда, асоси эътимоднок ва самарабахши татбиқи он дар амалро фароҳам меорад.

**Интишороти унвонҷӯ доир ба мавзуи таҳқиқот:** Мазмуни натиҷаҳои асосии илмӣ, ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаҳо ва мӯҳтавои диссертатсия дар 25 мақолаи илмӣ аз чоп баровардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз ин миқдор, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, интишор гардидаанд. Шумораи интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” пурра ҷавобгӯ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои муайяншуда дар дастгоҳи илмии диссертатсия аз тарафи пажӯҳишгар бомуваффақият иҷро шудаанд ва роҳи ҳалли онҳоро таъмин менамоянд. Усулҳо ва методологияи истифодашуда пурра ба мавзуи таҳқиқот мувофиқ буда, хулосаҳои ҷамъбастӣ боварибахш ва далелнок мебошанд. Ҳамчунин, дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҷӯраева Мунзифа маълумоти нодуруст ё ихтилофҳои методологӣ ҷой надоранд.

**Автореферати диссертатсия** (шакли тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошад ва дар он истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё манбаъ пешбинӣ нашудааст. Аз ин рӯ, талаботи банди 37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” пурра риоя гардидааст.

Нақшаи кории диссертатсия, ҳамчунин мақсад, вазифаҳо, хулосаву пешниҳодҳо ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант дар ҷараёни корҳои ташхисӣ-озмоишӣ исботи дурусти риояи талаботи меъёрӣ ва ҳамоҳангии мавзуъро таъмин менамояд.

**Сохтори диссертатсия ва аҳаммияти назариявию амалии**

**диссертатсия:** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифаи чопи компютерӣ бо ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо таҳия шудааст.

Аз ҷиҳати назариявӣ, таҳқиқот имкониятҳои муҳимми шароити педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагон дар тамоми давраи таълими забони модарӣ инъикос ёфта, муносибат ва шароитҳои педагогӣ дар мактаб асоснок ва амалан истифода шудаанд.

Аз нуқтаи назари амалӣ, таҳқиқот нишон дод, ки маводҳои дидактикӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд ҳамчун роҳнамо барои рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода шаванд.

Махсусан, дар доираи таҳқиқот таҳия ва татбиқи комплекси таълимию методӣ амалӣ карда шудааст, ки ба ташаккули шароити педагогӣ, аз ҷумла мақсад, мазмун, принсип, метод, шакл ва воситаҳои дониш, малака ва тафаккури интиқодии хонандагон мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, таҳия ва пешниҳоди заминаҳои сохторӣ ва модули педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ низ иҷро гардид.

Дар ҷараёни таҳқиқот такмили мунтазами мониторинги назорати сифат ба роҳ монда шуд, ки ин ба рушди шавқи маърифатӣ ва тафаккури интиқодии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба асосҳои таълими педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин ташкил ва татбиқи воситаҳои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон ба анҷом расонида шудаанд.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифа ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Тозагиҳои илмии таҳқиқот:** Аз нуқтаи назари таҳлилгари илмӣ, диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифа таҳқиқоти ҷолиб ва назарраси илмӣ мебошад, ки навоварӣ ва аҳамияти амалии худро дар самти таълими тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад. Муаллиф асосҳои илмию назариявии технологияи таълими тафаккури интиқодӣ ва ташаккули шахсият, фаъолият ва муносибати пайдарпайро таҳлил намуда, нишон дод, ки ин раванд ба рушди шахсият ва шавқи маърифатии хонандагон мусоидат мекунад.

Шароити педагогии муҳим ва асоснок барои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон бо такя ба технологияҳои таълими муосир фароҳам оварда шудааст, хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва ғайриинтиқодӣ ва фарқи байни онҳо равшан карда шудаанд. Дар заминаи истифодаи

технологияҳои мазкур дар раванди таълими фанни забони модарӣ система ва амсилаи ягонаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия гардида, мафҳуми «тафаккури интиқодӣ» ба тавri дақиқ муайян шудааст.

Исбот гардид, ки ташаккули тафаккури интиқодӣ асосан аз муаммогузорӣ ва равшан намудани масъалаҳои ҳалталаб оғоз мегардад. Аз ин рӯ, ба хонандагон зарур аст, ки тавассути далелҳои боварибахш қобилияти андеша кардан ва муайян намудани чиро бояд қабул намоянд, дар сатҳи баланди оқилона ва дуруст ташаккул дода шавад.

Ҳамчунин, методикаи пешниҳодшуда на танҳо қобилияти таҳлили иттилоотро инкишоф медиҳад, балки дарки он иттилоот ва истифодаи самараноки он барои фаъолияти илмӣ ва таълимиро беҳтар менамояд. Муқаррароти методӣ ва мундариҷавӣ бо фароҳам овардани шароити педагогии муҳим ва такмили воситаҳои дидактикӣ ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад ҳамчун дастовард ва роҳнамои муассир барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва таҳқиқгарони соҳаи педагогика истифода гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии** натиҷаҳои таҳқиқот низ қаноатбахш мебошад. Муаллиф бо истифода аз заминаҳои методологӣ ва назариявӣ, омӯзишу таҳлили миқдори зиёди сарчашмаҳои илмӣ, таълимӣ ва методӣ, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқот алоқаманданд, дурустии натиҷаҳои бадастомадаро бо далелҳои возеҳ исбот намудааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда бо муқаррарот ва талаботи асосии илму таълим мувофиқат кунонида шуда, бо натиҷаҳои санҷишҳо, коркарди сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ гардидаанд.

Ғайр аз ин, апробатсияи натиҷаҳои асосӣ дар конфронсу семинарҳои илмӣ, иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни таҷрибаҳои педагогӣ ва татбиқи мустақими таклифу хулосаҳои диссертатсия дар амалия далели равшани эътимоднокӣ ва асоснокии илмии тадқиқот ба ҳисоб мераванд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқ:** Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷӯраева Мунзифа саҳми шахсии худро дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот собит намудааст. Ӯ аз банақшагирӣ ва интихоби мавзуъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ то ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии адабиёти зарурӣ, муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва таҳлили онҳо фаъолона ширкат варзидааст. Ғайр аз ин, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштироки мунтазам дар конференсияҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани матни диссертатсия низ аз иқдоми мустақими ӯ шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Ҷӯраева Мунзифа таҳти унвони «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» ҳамчун як тадқиқоти мустақил ва ҷамъбастшуда арзёбӣ мегардад, ки барои ҳалли масъалаҳои муҳими соҳаҳои мактабу маориф ва педагогика саҳми назаррас мегузорад. Интихоби мавзуъ, сохтор, мазмун ва муҳтавои кор ҷавобгӯй ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ дар соҳаи педагогика буда, муаллифро метавон сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донист.

Бо дарназардошти муқаррароти банди 53-и «Низомнома», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ хулоса менамояд, ки кори диссертатсионии мазкур ба талаботи қонунгузории амалкунанда ҷавобгӯ мебошад ва чунин

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифа дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим”, ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо роҳи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Лутфуллозода Маҳмадулло –** доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- **Носиров Саъдулло Шукулоевич -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ»** таъйин карда шавад.

4. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.А. Азизов

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои психологӣ, дотсент С. Бобоева

доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Ҷ. Давлатзода

22.08.2025

**“Имзоҳои профессор Азизов А.А., докторони илмҳои педагогӣ С.Бобоева ва Ҷ.Давлатзодаро тасдиқ мекунам”.**

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З. С.

*Маълумот барон тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700,*
*ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1,*
*тел.: +992 92 805 7007, Email: zarrina_14.10.70@mail.ru*